# СУРАТҶАЛАСАИ №1

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 3-юми июни соли 2022 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 9 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзуи «Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (мушовири илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкури рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб Давлатзода Ҷамила дар бораи қабули диссертатсияи ӯ барои баррасӣ шинос намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А. гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Давлатзода Ҷамила – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Давлатзода Ҷамила барои экспертизаи муқаддамотии ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзуи «Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхиси муқаддамотии назди Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
- **Исломов О.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 9 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.